Тақризи роҳбари илмӣ
ба диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзӯи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

Масъалаи маориф яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсию иҷтимоии давлат ба шумор рафта, он тамоми паҳлуҳои муносибатҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад. Аз ҳамин нуқтаи назар ҳар як ҷомеа кӯшиш менамояд, ки ба пешравии маориф ҳарчи зиёдтар тақвият бахшад ва инкишоф диҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ҳоло давраи гузаришро аз сар гузаронида истодааст, яке аз ҳадафҳои муҳими он дар соҳаи иҷтимоӣ ин рушду нумӯ ва инкишофи маориф дар давраи нави инкишофи ҷомеа мебошад ва ӯнро ба стандарти ҷаҳонӣ мувофиқ менамояд.

Маҳз ҳамин мақсад муаллифи диссертатсияро вазифадор менамояд, ки ба ин масъалаи хеле муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ рӯ оварад. Дар ҳамин асос ҳоло Сиёсати давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва модернизатсияи он равона карда шудааст, ки таҳлилу таҳқиқӣ он дар замони ҳозира аҳамияти калони илмию назариявӣ ва амалӣ дорад. Муҳиммияти сиёсати давлатиро дар инкишофи маориф таъкид намуда, қайд намудан зарур аст, ки аксарияти олимон бар он назаранд, ки маориф на танҳо манфиати шахсӣ, балки манфиати ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад ва илова бар ин, арзиши ҷамъиятии маориф дорои аҳамияти калон мебошад. Бояд зикр кард, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ҳамон давлате қодир аст, ки маорифи пешрафта дорад ва ба таҳдидҳои ҷаҳони муосир ҷавоб гардонад. Дар асоси ҷиҳатҳои баёнгардида метавон ба чунин хулоса омад, ки таҳқиқи масъалаи маориф дар шароити кунунии гузариши ҷомеа дорои аҳамияти бузурги илмию назариявӣ ва амалӣ дорад.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҳоло дар ҳолати рӯ ба пешравӣ дошта, маориф ҳамчун соҳаи афзалиятноки ҷомеа баҳо дода мешавад. Дар ҳамин асос аз ҷониби давлат ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо қонуну қарорҳо ба тасвиб расидаанд, ки онҳо таҷассумгари сиёсати давлатӣ дар бораи маориф мебошанд.

Маълум аст, ки сиёсати давлатии мувофиқ ва ботавозун дар соҳаи маориф гарави устувории сиёсӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Имрӯз, маҳз сиёсат дар соҳаи маориф унсури муҳимми ҳамкории сохторҳои давлатӣ

ва ҷамъиятӣ ба шумор рафта, самаранокии он аз сатҳ ва сифати сиёсати давлатӣ гувоҳӣ медиҳад.

Чи тавре, ки дар диссертатсия қайд мешавад, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқ шаванда дар он аст, ки соҳаи маориф дар шароити ислоҳоти системаи сиёсии Тоҷикистон, ҷалби фаъоли институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ассосиатсияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳо ва худи шаҳрвандонро бевосита фаро мегирад. Бинобар ин, сиёсат дар бораи маориф, на танҳо характери соҳавӣ, балки универсиалӣ дошта, зарурияти омӯзиш ва таҳқиқоти илмию назариявии мукамалро талаб менамояд.

Дар раванди таҳқиқот, барои ба даст овардани мақсадҳо, муаллиф аз методҳои системавӣ, муқоисавӣ ва институтсионалӣ истифода намуда, дар баррасии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҳамчун маҷмӯи унсурҳои зиёд дар шакли ягона фарогиршуда, дар муносибат ва ҳалоқаҳои байни онҳо, инчунин ошкор намудани принсипҳои асосии раванди ташаккули системаи маориф ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар ин соҳа таҳлили ҷуқури илмию назариявӣ пайдо кардааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар таҳқиқоти муаллиф хусусиятҳои падидаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро дар шароити муосир таҳлилу таҳқиқ намуда, зарурияти объективии ташаккули сиёсати давлатии маорифро дар ҷодаи гузаштан ба системаи дузинагии маориф: бакалаврят ва магистратура, ки ба арзишҳои ҷаҳони муосир мувофиқанд, асоснок карда, нақши онро дар ташаккули шахсияти дорои ҷаҳонбинии баланди илмӣ, касбияти дақиқ, сатҳи баланди маънавиёти инсонӣ ва сифатҳои фаъоли созандагӣ ҳамаҷониба нишон додааст. Инчунин дар таҳқиқот муаллиф даврахои асосии қабули раванди ислоҳоти маорифро дар давраи баъди истиқлолияти давлатӣ ба дастовада нишон дода, раванди ба таври таҳаввулоти инкишофи институтҳои системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлилу таҳқиқ кардааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар боби аввали диссертатсия муаллиф ҷанбаҳои назариявию методологии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф таҳлилу баррасӣ намуда, моҳият ва хусусиятҳои онро дар давраи гузариши ҷомеа нишон додааст. Дар доираи ин боб, ки дар навбати худ аз ду зербоб иборат мебошад, нақш ва мавқеи маориф дар рушди ҷомеа, қонуниятҳои рушди системаи маориф, ислоҳоти соҳаи маориф ва зарурияти он таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Дар зербоби дуюми боби аввал омилҳои гуногуни

таъсиррасон мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар заминаи таҳлилу баррасии онҳо нақш ва мавқеи маориф дар давраи гузариши ҷомеа нишон дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ба омӯзиши сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бахшида шудааст. Дар ин боби диссертатсия, ки аз се зербоб иборат аст, масъалаҳои нақш ва мавқеи сиёсати давлатӣ дар инкишофи системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раванди модернизатсионии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва дурнамои рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз он ҷумла ворид намудани тарзу усулҳои омӯзиш дар мактабҳои олӣ ва гузаштан ба воситаи техникаю технологияи муосир ба монанди: омӯзиши иноватсионӣ, фосилавӣ, интернетӣ ва мониторӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки он ҳеҷ яке аз мавзӯъҳои муҳими давраи муосир буда, соҳаи маориф ҳамчун самти бартаридоштаи сиёсати давлатӣ, сарчашмаи асосии инкишофи ҷомеа ба шумор меравад.

Дар таҳқиқот тасаввуроти назариявӣ ва амалии инкишофи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар шароити гузариши ҷомеаи Тоҷикистон инчунин натиҷаи таҳлилҳои илмии равандҳои сиёсӣ, ки дар сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар шароити модернизатсия амалӣ шуда истодаанд. Дар асоси омӯзиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», қарорҳои ҳукумати Тоҷикистон, маъхазҳо ва асарҳои илмӣ муқоисаи натиҷаҳои илмӣ оварда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар фаъолияти мақомотҳои идоракунии маориф дар раванди таҳсилот, дар коркарди воситаҳои таълимӣ, маводҳои лексионӣ оид ба фанҳои ҷомеашиносӣ, махсусан сиёсатшиносӣ ва инчунин барои таҳқиқи минбаъдаи соҳаи маориф метавон ҳамаҷониба истифода намуд.

Дар маҷмӯъ, қайд кардан ҷоиз аст, ки мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои он пурра аз ҷониби диссертант иҷро гардидаанд. Муаллиф аз ӯҳдаи мустақилона анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромадааст. Саҳми муаллиф дар омода намудани диссертатсия аз он иборат аст, ки ӯ бевосита ба таҳлили санадҳои сиёсию ҳуқуқӣ, оморӣ, асарҳои илмӣ машғул гардида, натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар шакли диссертатсия, мақолаҳои илмӣ таҳия намудааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, қайд намудан зарур аст, ки диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзӯи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ таҳқиқоти илмии мукаммал ва анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя тавсия мегардад. Муаллифи диссертатсия Гадоев Н.З. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Муҳабатов Абдусалом,
номзади илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон_____

8.06.2022

Имзои профессори Муҳабатов А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
Тавқиев Эмомалӣ_____